Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге

БФ «ПСП-ФОНД»

# Хуш омадед ба *Санкт-Петербург!*



Ба ёрии муҳоҷири корӣ

## Чӣ тавр ҳуҷҷатҳоро дуруст тайёр бояд кард?

2022

**Барои омадан ва кор кардан дар Санкт-Петербург кадом ҳуҷҷатҳоро тайёр бояд кард?**

**Дар куҷо ҳуҷҷатҳои қонунӣ гирифтан даркор аст, то қурбонии қаллобон нашавем?**

**Барои тайёр кардани ҳуҷҷатҳои қонунӣ ва оғози кор дар Санкт-Петербург чанд қадам гузоштан лозим аст:**

## ҚАДАМИ 0

Агар шумо бо мақсади кор кардан ба Россия рафтанӣ ҳастед, ҳангоми вуруд ба кишвар дар корти муҳоҷират бояд "Мақсади омадан" — атонро "КОР" нависед.

Агар шумо бо мақсади дигар омадед, аммо кор карданӣ шудед, дар вақти гирифтани патента ва шартномаи меҳнатӣ дар ин бора ба мақомоти мазкур хабар диҳед Управление по вопросам миграции МВД России, то мақсади омаданатонро дар махзани ягонаи баҳисобгирии шаҳрвандони хориҷӣ тағйир диҳад.

Кор кардан ва гирифтани патент дар Россия танҳо баъди 18-солагӣ мумкин аст!

## ҚАДАМИ 1

Полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС) гиред.

Полиси ДМС-ро дар идораҳои ширкатҳои суғурта ва дар шуъбаҳои «Почты России» гирифтан мумкин аст.

Нархи полиси ДМС аз хизматҳои тиббии дар он сабтшуда ва муҳлатҳои амали он вобаста аст. Полиси аз ҳама арзонтарини ДМС барои муҳоҷирон, маъмулан танҳо барои гирифтани ёрии таъҷилӣ ва фаврии тиббӣ дар дармонгоҳ ва беморхонаҳои давлатии тиббӣ ҳуқуқ медиҳад.

Шаҳрвандони давлатҳои аъзои ИИАО (ЕАЭС), ки дар асоси шартномаҳои меҳнатӣ кор мекунанад, метавонанд полиси суғуртаи ҳатмии тиббӣ — ОМС гиранд, ки имкон медиҳад дар муассисаҳои давлатии тиббӣ баробари шаҳрвандони Россия ёрии тиббӣ гиранд.

## ҚАДАМИ 2

Дар ҳисоби муҳоҷират бо суроғае, ки истиқомат мекунед, сабти ном (регистратсия) кунед.

Шаҳрванди хориҷӣ уҳдадор аст, ки дар муддати 7 рӯзи кории баъди вурудаш ба Россия.

Шаҳрвандони Тоҷикистон, Ӯзбекистон — 15 рӯз, шаҳрвандони кишварҳои ЕАЭС (Арманистон, Беларус, Қазоқистон, Қирғизистон) — 30 рӯз дар ҷойи омадааш сабти ном (регистратсия) кунад.

Шаҳрванди хориҷиро Тарафи қабулкунанда, ки манзил медиҳад, бояд сабти ном кунад.

Тарафҳои қабулкунанда инҳо метавонанд бошанд:

- шаҳрванди ФР, ки дар Санкт-Петербург доимӣ сабти ном шудааст;
- шаҳрванди хориҷӣ, ки дар Санкт-Петербург доимӣ зиндагӣ мекунад;
- шаҳрванди хориҷӣ — молики бинои истиқоматӣ;
- шахси ҳуқуқӣ: ташкилоти кордеҳ, меҳмонхона.

Барои сабти ном дар баҳисобгирии муҳоҷират (регистратсия) ба шуъбаҳои ҳудудии Управления по вопросам миграции ГУ МВД РФ по Санкт-Петербургу и Ленинградской области ё ба маркази бисёрҷабҳаи хизматҳои давлатӣ (МФЦ) муроҷиат кардан, ё аз хизматҳои «Госуслуги» истифода бурдан мумкин аст.

Ба Шумо чунин ҳуҷҷатҳо ва нусхаҳои онҳо зарур мебошанд:

- шиноснома;
- корти муҳоҷират;
- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ,
- нусхаи ҳуҷҷате, ки ҳуқуқи истифодаи бинои истиқоматиро тасдиқ мекунад (масалан, шартномаи иҷораи манзил).

## ҚАДАМИ 3

Барои гирифтани патенти кор ҳуҷҷат супоред (барои шаҳрвандони кишварҳои аъзои ЕАЭС ва Украина ин кор лозим нест!)

Муҳлати додани ҳуҷҷатҳо барои гирифтани патент — 30 рӯз баъди вуруд ба ФР аст. Ин муҳлатро риоя бояд кард, вагарна ҷарима баста мешавед. Инчунин шуморо ҷарима мекунанд, агар бо он ихтисос ва дар он минтақае, ки дар патент нишон дода шудааст, кор накунед!

Дар Санкт-Петербург ҳуҷҷатҳоро барои гирифтани патент ба ин ҷо супурдан лозим аст ФГУП «Паспортно-визовый сервис» МВД России spb.pvsmvd.ru

**Барои гирифтани патент ин ҳуҷҷатҳоро пешниҳод кардан лозим аст:**

- ариза барои гирифтани патент — варақаи ариза ва намунаи пур кардани онро аз шуъбаҳои ГУВМ МВД РФ ё аз сайти гувм.мвд.рф бепул гирифтан мумкин аст
- шиноснома ва нусхаи он;
- сурати 3x4 ранга, беҷило;
- огоҳнома дар бораи сабти муҳоҷират (регистратсия) ва нусхаи он;
- нусхаи тарҷумаи русии дар нотариус тасдиқшудаи шиноснома — дар идораи нотариалие, ки тарҷумон дорад, тайёр карда мешавад;
- корти муҳоҷират бо нишондоди мақсади муҳоҷират "барои кор" бо муҳри ворид шудан ва
- хулосаи тиббӣ ва сертификат дар бораи набудани касалиҳои нашъамандӣ ва сироятӣ, ки барои атрофиён хатарнок мебошанд, инчунин сирояти ВИЧ дар муассисаи махсуси тиббӣ баъди гузаштани муоина тайёр карда мешавад;
- полиси суғуртаи ихтиёрии тиббӣ (ДМС);
- ҳуҷҷати тасдиққунандаи донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории Федератсияи Россия: асли ҳуҷҷат дар бораи хатм кардани муассисаи таҳсилӣ дар ҳудуди СССР то 01.09.1991, ё дар ҳудуди Россия баъди 01.09.1991, ё сертификат дар бораи гузаштан аз санҷиши тестӣ оид ба донистани забони русӣ, таърихи Россия ва асосҳои қонунгузории ФР;
- расид оид ба пардохти андози патент (НДФЛ)

## ҚАДАМИ 4

Кордиҳанда ёбед ва бо ӯ шартномаи меҳнатӣ имзо кунед.

Ҳангоми ҷустуҷӯйи кор маслиҳат медиҳем, ки аз махзани умумироссиягии вакансияҳо истифода баред «Работа в России» trudvsem.ru ва бонки вакансияҳои Санкт-Петербурга r21.spb.ru

Баъзан кордиҳандагони беинсоф бо шаҳрвандони хориҷӣ шартномаҳои меҳнатии қалбакӣ мебанданд, ё умуман онҳоро бе шартнома кор мефармоянд.

Дар ёд доред: шартномаи легалии меҳнатӣ ё шаҳрвандӣ-ҳуқуқӣ — кафолати ҳуқуқҳои шумост! Кордиҳанда УҲДАДОР аст, ки бо шумо шартнома бандад ва нусхаи шартномаро ба Шумо диҳад.

Намунаҳои шартномаҳои меҳнатӣ ва ҳуҷҷатҳои дигари вобаста ба корро дар ин сайт дидан мумкин аст: онлайнинспекция.рф/documents

## ҚАДАМИ 5

То анҷоми муҳлати амали патент пешпардохт кунед ва чекҳоро нигоҳ доред.

Дар ҳолати сари вақт пардохт нашудан амали патент аз рӯзи якуми таъхири пардохт қатъ мегардад.

Ҳисоби моҳҳо аз санаи гирифтани патент сар мешавад, ки дар он сабт гардидааст. Пардохт на дертар аз 1 рӯзи ба охир расидани ҳар моҳи пардохтшудаи кор сурат мегирад. Маблағи андозро ҳармоҳа ва якбора пешакӣ барои чанд моҳ пардохт кардан мумкин аст.

## ҚАДАМИ 6

Муҳлати амали сабти ном (регистратсия) — ро мувофиқан бо муҳлати амали патенти кор дароз кунед.

Дар муддати 2 моҳи баъди гирифтани патент Шумо бояд ба УВМ МВД РФ нусхаи шартномаи меҳнатӣ бо кордиҳандаро бо мактуби фармоишии огоҳидор дар бораи қабул фиристед ё шахсан шартномаро ба УВМ МВД РФ баред, вагарна патенти Шуморо метавонанд ғайри амал эътироф кунанд.

Баъди анҷоми муҳлати амали патент бояд аз ФР хориҷ шуд ё патентро аз нав расмӣ кунонд.

## МУҲИМ АСТ!

- Ҳамаи ҳуҷҷатҳоро худатон дар мақомоти давлатӣ тайёр кунед, ба миёнравҳо муроҷиат накунед! Аксар вақи онҳо ҳуҷҷатҳои қалбакӣ тайёр мекунанд, ки барои ин шуморо ҷарима мебанданд ё аз Россия меронанд.
- Сари вақт дароз кардани муҳлати амали ҳуҷҷатҳоро фаромӯш накуне. Ҳуҷҷатҳоро доим бо худ гиред барои тафтиши политсия, онҳоро нусхабардорӣ кунед.
- Ҳамеша ҳуҷҷатҳоеро, ки имзо мекунед, хонед. Шумо ҳуқуқ доред, ки аз имзои шартнома, ки бо муҳтавояш розӣ нестед, даст кашед.
- Ҳамеша тағйироту иловаҳои қонунгузории муҳоҷирати Россияро пайгирӣ кунед, қонунҳоро риоя кунед!

## Робитаҳои муфид:

*Управление по вопросам миграции ГУ МВД России по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области*
78.мвд.рф/ms
8 812 573 37 22
8 812 573 30 02

*Многофункциональные центры предоставления государственных услуг (МФЦ)*
*Единая справочная служба МФЦ:*
8 812 573 90 00
*Список МФЦ Санкт-Петербурга:*
gu.spb.ru/mfc/

*Филиал по г. Санкт-Петербургу и Ленинградской области ФГУП «Паспортно-визовый сервис» МВД РФ*
8 812 703 68 78
obr_spb@pvsmvd.ru
pvsmvd.ru/branches/78

*Комитет по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге*
8 812 576 28 08
info@kmormp.gov.spb.ru
gov.spb.ru/gov/otrasl/kmormp/

*БФ «ПСП-фонд» (ёрии бепули ҳуқуқӣ):*
8 953 141 31 09
8 812 337 57 85

*Хатти доғ барои шаҳрвандони хориҷӣ:*
8 812 576 28 67

## Сайтҳои муфид:

migrussia.ru — *маслиҳатҳои ҳуқуқӣ ва мутобиқшавӣ, робитаҳои муфид ва маводи иттилоотӣ бо чанд забон*

migrantinfo.kmormp.gov.spb.ru — *хазинаи интернетӣ барои муҳоҷирони Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге*

Разработка текста: **БФ «ПСП-фонд»**
Автор-составитель: **Якимов А. Н.**
Редактор: **Панич Б. Л.**
Дизайнер: **Костенко А. А.**
Тираж: **500 экз.**

Буклет «Трудоустройство и защита трудовых прав» (на таджикском языке)

Изготовлено на средства субсидии Комитета по межнациональным отношениям и реализации миграционной политики в Санкт-Петербурге